# ПРЕСС-РЕЛИЗ

Санаи 17 марти соли 2023 дар бинои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазоратҳои молия, энергетика ва захираҳои об, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, намояндагони корхонаҳои соҳаҳои истихроҷкунанда, коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» ва дигар шахсони масъул иштирок варзиданд.

Дар доираи чорабинии мазкур масъалаҳои иҷрои қарорҳои протоколи ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, татбиқи тадбирҳои Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023, корҳои иҷрошуда оид ба лоиҳаи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021, талаботи 2.2, 2.3, 2.4, 2.5, 2.6, 3.2, 3.3, 6.1 ва 6.2 ТШСИ, фаъолияти веб-портали «Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ»-и Тоҷикистон- www.pbo.eitj.tj, лоиҳаи сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи ТШСИ-и Тоҷикистон ва дигар масъалаҳо баррасӣ гардиданд.

Аз натиҷаи баргузории ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.